21384 - Закот додан ба кофир

савол

Закот додан ба ғайримусулмонон ҷоиз аст?

Ҷавоби муфассал

Додани закот аз молу маҳсулот ва низ закоти фитр ба кофирон ҷоиз нест, ҳатто агар онҳо фақир, мусофир (дарроҳмонда) ё қарздор бошанд. Ва агар касе ба онҳо закот диҳад, он закот ҳисоб намешавад.
Аммо додани садақаҳои умумӣ — ғайри воҷиб — ба фақирони онҳо ҷоиз аст ва метавон бо онҳо барои ҷалби дилҳояшон ҳадяҳо ва некиҳоро табодул кард, ба шарте ки аз ҷониби онҳо таҷовузу бадрафторие набошад, ки ин корро манъ намояд, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

لَّا يَنْهَاكُمُ اللهُ عَنِ الَّذِينَ لَمْ يُقَاتِلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُم مِّن دِيَارِكُمْ أَن تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوا إِلَيْهِمْ ۚ إِنَّ اللهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ

سورة الممتحنة: ٨

«Аллоҳ шуморо аз некӣ кардан ва адолат варзидан нисбат ба касоне, ки дар (амри) дин бо шумо наҷангидаанд ва шуморо аз диёратон берун насохтаанд, манъ намекунад. Бегумон Аллоҳ адолатпешагонро дӯст медорад». (Сураи Мумтаҳана: 8).

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.
"Фатово-л-лаҷнати-д-доима" ҷилди 10, саҳифаи 30.
Яке аз намудҳои масрафи закот вуҷуд дорад, ки додани он ба кофирон ҷоиз аст ва он "муаллафату-л-қулуб" (дилҷӯшудагон, яъне касоне, ки дилҳояшон ба Ислом ҷалб карда мешавад) мебошад. Аз ин рӯ, закот додан ба шахсони соҳибнуфуз аз кофирон дар қавмашон ҷоиз аст, агар умед бошад, ки бо ин амал онҳо ба Ислом рӯ меоранд ва сипас пайравону тобеонашон низ ба Ислом мегаравонд.

Ва тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.